**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ ФИЗИКА**
**КАФЕДРАИ ФИЗИКАИ ҶИСМҲОИ САХТ**

# СИЛЛАБУС (БАРНОМАИ ВАСЕЪИ КОРӢ) АЗ ФАННИ “ИҚТИСОД ВА ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР КОРХОНА” БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ДУЮМИ ИХТИСОСИ МЕТРОЛОГИЯ, СТАНДАРТИКУНОНӢ ВА СЕРТИФИКАТСИЯ – 54010104

Фанни таълимӣ: иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона

Ихтисос: метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия – 54010104

Ҳаҷми соатҳои таълимӣ – 2 кредит (48 соат)

Лексия – 24 соат (1 кредит)

Машғулияти лабораторӣ – 24 соат (1 кредит)

Курс – 2, семестри 2 – юм

**ДУШАНБЕ – 2025**

## СИЛЛАБУС

(Барномаи васеи корӣ) аз ҷониби ассистенти кафедраи физикаи ҷисмҳои сахт аз фанни иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона барои донишҷӯёни курси 2 – юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия – 54010104 мураттаб шудааст.

| **Ном ва насаби омӯзгор** | **Курс** | **2** | |
|---|---|---|---|
| **ассистент Исматов Ш. П.** | **семестр** | **2** | **Ҷадвали дарсҳо** |
| | Шумораи кредитҳо | 6.29 | |
| Суроғаи омӯзгор: Кафедраи физикаи ҷисмҳои сахт, утоқи 109, бинои таълимии №16, Тел: 988-58-84-91 | Лексия | 24 с | Душанбе,$10^{00}$ – $11^{50}$ (ауд. С. 305.) |
| | Озмоиш□ | 24 с | Ҷумъа, $12^{00}$ – $12^{50}$ (ауд. С.305.) |
| | КМД | | |
| | Қабули КМД | - | |
| | Шакли назорати ҷамъбастӣ | Имтиҳон | |

Барномаи кории таълимӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар асоси Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24) ва мазмуну мундариҷаи ҳадди ақали Барнома (Стандарт) – и давлатии таҳсилотии ихтисоси метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия – 54010104 аз 11.06.2005 ки бо Қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2017 г. 2016, №19/24) тасдиқ гардидааст, тартиб дода шудааст.

Дар маҷлиси кафедра, суратмаҷлиси № 6 аз «20» январи соли 2025 тасдиқ гардидааст.

Мудири кафедра ________ н.и.ф.-м., дотсент Шоимов Э.Ҷ.

Дар асоси қарори шӯрои илмию методии факултети физика аз «25» январи соли 2025, суратмаҷлиси № 5 баррасӣ ва барои истифода дар раванди таълим тавсия дода шудааст.

Раиси Шӯрои илмӣ-методии факултет, н.и.ф.-м. Истамов Ф.Х.

## ФАСЛИ I: ҚИСМИ ТАШКИЛӢ-МЕТОДӢ

1.1. Фанни таълимии «иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона» дар нақшаҳои таълимии ихтисоси метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсияи факултети физика мақоми фанни ҳатмиро касб карда, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баландихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосиро ишғол намудааст. Ҳангоми омӯзиши фанни мазкур фанҳои иқтисодиёти корхона, лоиҳакашии корхона, менеҷмент, маркетинг,ташкили ҷамъиятҳои саҳомӣ, асосҳои нархгузорӣ, молия, иқтисоди миллӣ ва ғ. роли калонро мебозанд. Маълумотҳои умумӣ ва малакаи амалӣ, ки дар раванди таҷрибаомузии таълимӣ ҳосил мешавад, дар омӯхтани фанни «иқтисод ва ташкили истеҳсолот » аҳамияти калон дорад.

**1.2. Тавсифи мухтасари фан**

Фанни «иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона» - марҳилаи муҳим ва таркибии тайёр кардани мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, соҳибкорон, менеҷерҳо, маркетологҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

**1.3. Мақсад ва вазифаҳои фан**

Васеъ гардонидани доираи фаҳмиши донишҷӯ ва омӯхтани ҷараёнҳои истеҳсолӣ, тавсифи корхона, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корхона, сохтори истеҳсолии корхона, намудҳо ва принсипҳои ташаккули сохтори истеҳсолии корхона, ки ташаккул ва инкишоф додани қобилияту маҳорати касбии донишҷӯ ифода мегардад.

**Вобаста аз мақсад, дар ҷараёни омӯзиши фанни «иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона» вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:**

- дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот бояд ҳамоҳангсозии ҳамаи қисматҳои корхона ташкил карда шавад иборат мебошад;
- дар корхона таъмини истеҳсолот бо маводҳои гуногуни масолеҳу маҳсулоти нимтайёр ба ҷойҳои корӣ расонидани онҳо ва оқилона ташкил кардани онҳо;
- ба ҷойҳои корӣ расонидани асбобу олотҳо яке аз вазифаҳои муҳими корхона мебошад;
- оқилона интихоб намудани усулҳои пешқадами ташкили истеҳсолот ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот;
- оқилона ташкил кардани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишию-конструкторӣ;
- ташаккули фаҳмиши донишҷӯ роҷеъ ба алоқамандии фанни иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона бо дигар фанҳои иқтисодӣ ва ғайра.

**1.4. Талаботҳои асосӣ доир ба қисматҳои фан ва омӯзиши он:**

**1.4.1. Талабот нисбат ба сатҳи азхудкунии фан (салоҳиятҳои касбӣ).**

Дар натиҷаи омӯзиши фан донишҷӯ бояд:

**а) донад:**

- мазмуни мафҳумҳои иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона аз худ карда бошад:
- асосҳои ташкили истеҳсолотро аз худ намояд;
- шаклҳои ташкили истеҳсолот ва намудҳои корхонаро аз худ намояд;
- дар бораи иқтисод ва ташкили истеҳсолот маълумоти кофӣ дошта бошад.

**б) тавонад:**

- Мазмуни мафҳумҳои асосии иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона шарҳ дода тавонад:
- шаклҳои истеҳсолот ва намудҳои корхонаҳоро омухта, онҳоро муайян карда тавонад;
- Гуногунии ҷараёнҳои истеҳсолиро шарҳ дода тавонад.

**Шаклҳо** – лексия, дарсҳои амалии аудиторӣ, омодасозии маърӯзаҳо ба конфронс, кори мустақилонаи ҷорӣ, иҷро намудани ҳалли супоришҳои шартӣ вобаста ба ҳар як мавзуъ, иҷрои корҳои мустақилона, навиштани мазмуни мухтасар (конспект).

**Усулҳо** – ҳалли супоришҳо, омодасозии маърӯзаҳо, иҷрои корҳои мустақилона, мубоҳисаҳо, бозиҳои корӣ, қабули тест ва монанди инҳо.

Ҳангоми гузаронидани дарсҳои амалӣ истифодабарии маҷмӯи дар ихтиёрдоштаи техникаи электронӣ тавсия дода мешавад: тахтаи электронӣ. Маводҳои асосии шарҳдиҳанда (плакатҳо, намунаи корхонаҳо, графикҳо) барои истифодабарии мувофиқ (намоишҳо, дискҳо) бояд пешакӣ омода карда шаванд. Ҳангоми дар дарсҳои амалӣ гузаронидани пурсиш истифода аз маҷмӯи тестҳо ба манфиати кор мебошад.

**Нақшаи тақвимӣ-мавзӯи фанни таълимии «Иқтисод ва ташкили истеҳсолот дар корхона»**

Миқдори умумии кредитҳо 2 (48 соат)

Машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ – 1 (24 соат)

Машғулиятҳои аудитории амалӣ – 1 (24 соат)

**2.1. Нақшаи умумии тақвимии мавзӯҳои фанни таълимӣ**

**Мундаричаи фан**

| № | Ҳафта | Номгӯи мавзӯҳо ва фаслҳо | Дарсҳои аудиторӣ | | Ҳамагӣ | Адабиёт |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Лексия | Амалӣ | | |
| 1. | I | Мавзӯи 1. Мафҳумҳои асосии иқтисодиёт. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёт. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 1(саҳ.6-16); 2(саҳ.5-9); 3(саҳ.7-12). |
| 2. | II | Мавзӯи 2. Корхона дар низоми иқтисоди бозорӣ. Корхонаҳои истеҳсолӣ. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 1(саҳ.22-34); 2(саҳ.15-24). |
| 3. | III | Мавзуи 3. Шаклҳои ташкили корхона. Соҳибкорӣ ва шартҳои инкишофи он. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 2(саҳ.251-259) |
| 4. | IV | Мавзуи 4. Таъсисёби ва ба қайдгирии давлатии корхона. Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 2(саҳ.259-269) |
| 5. | V | Мавзуи 5. Сохтори истеҳсолии корхона. Ҷараёни истеҳсолӣ дар корхона. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 2(саҳ.308-349) |
| 6. | VI | Мавзуи 6. Ташкили идоракунӣ дар корхона. Мафҳум, моҳият ва принсипҳои идоракунӣ. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт:1(саҳ.36-54); 2(саҳ.70-80); 3(саҳ.34-48). |
| 7. | VII | Мавзуи 7. Ташкили тайёрии техникии истеҳсолот. Таркиби базаи моддӣ-техникии корхона (БМТ). | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт:1(саҳ.210-215); 2(саҳ.140-156); 3(саҳ.122-132). |
| 8. | VIII | Мавзуи 8. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Мафҳум ва моҳияти ташкили истсҳсолот дар корхона. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт:1(саҳ.215-220); 2(саҳ.145-149); 3(саҳ.130-134) ва ғ. |
| 9. | IX | Мавзуи 9. Ташкили истеҳсолоти ёрирасон ва хизматрасон дар корхона. Таркиб, тавсиф ва аҳамияти кисмҳои ёрирасон ва хизматраснӣ дар корхона. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт:1(саҳ.220-225); 2(саҳ.150-156); 3(саҳ.134-139) ва ғ. |
| 10. | X | Мавзуи 10. Ташкили истеҳсолоти ёрирасон ва хизматрасон дар корхона. Ташкили хоҷагии асбобу олотҳо. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт:1(саҳ.227-232); 2(саҳ.157-161); 3(саҳ.140-143 |
| 11. | XI | Мавзуи 11. Иқтидори истеҳсолӣ ва омилҳои муайянкунандаи он. Мафҳуми иқтидори истсҳсолӣ. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 8(саҳ.63-71) |
| 12. | XII | Мавзуи 12. Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона. Банақшагирии истеҳсол ва фуруши маҳсулот. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 8(саҳ.76-79) |
| 13. | XIII | Мавзуи 13. Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона. Муайян кардани ҳаҷми оқилонаи истеҳсоли маҳсулот. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 8(саҳ.83-87) |
| 14. | XIV | Мавзуи 14. Идораи кадрӣ, нақшагирии ҳосилнокии меҳнат ва ташкили музди кор дар корхона. Кадрҳои корхона ва сохтори онҳо. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 2(саҳ.350-369) |
| 15. | XV | Мавзуи 15. Идораи кадрӣ, нақшагирии ҳосилнокии меҳнат ва ташкили музди кор дар корхона. Нақшагирии ҳосилнокии меҳнат дар корхона. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 2(саҳ.299-303) |
| 16. | XV I | Мавзуи 16. Ташкил ва банақшагирии молияи корхона. Нақши манобеи молиявӣ дар фаъолияти корхона ва сарчашмаҳои ташаккули онҳо. | 1.5 | 1.5 | 3 | Адабиёт: 2(саҳ304-307, 357-371) Адабиёт: 2(саҳ304-307, 357-371) |
| *Ҷамъ:* | | | | | 48 | |

## 2.2. МУНДАРИҶАИ МАВЗУҲО ВА ФАСЛҲОИ ҶУДОГОНАИ ФАННИ ТАЪЛИМӢ
## ҚИСМИ 1. ИҚТИСОДИЁТ

**Мавзӯи 1.** Дар бораи иқтисодиёт ҳама ва ҳар рӯз ҳарф мезананд. Бинобар ин дар дарси мазкур моро суҳбате оид ба иқтисодиёт интизор аст. Дар аввал бояд донист, ки «иқтисодиёт» чист? Истилоҳ (ё вожаи «иқтисодиёт»ро) се навъ таъриф додан мумкин аст:

Якум иқтисодиёт – ин маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки байни одамон дар доираи истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмоли неъматҳо ва хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддӣ сурат мегиранд. Бояд дар назар дошт, ки иқтисодиёт бо риштаҳои ноайён ҳамаи паҳлӯҳои ҷомеаро фаро мегирад.

Дуюм, иқтисодиёт тарзи ташкили фаъолияти одамонро ифода карда, барои ба вуҷуд овардани неъматҳои зарури истеъмолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо нигаронда шудааст. Талабот ҳоҳиши бошуурона ва ё бешууронаи одамонро барои ба даст овардани неъматҳои зарурӣ ба мақсади пешбурди фаъолият ва инкишофи шахс ифода менамояд.

## 2.3. МУНДАРИҶАИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ

Кори мустақилонаи донишҷӯ - ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона азхуд намудани барномаи таълимии фан аз рӯи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад. Кори мустақилонаи донишҷӯ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар ду шакл иҷро карда мешавад:

-кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО);

-кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД).

### МУНДАРИҶАИ КМРО

Машғулияти амалӣ яке аз шаклҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён ба шумор рафта, алоқамандии мантиқиро бо таълими назариявӣ, ба самти амалия равон сохтани фанҳои таълимии алоҳида ва тайёрии пурраи донишҷӯёнро ҳамчун мутахассис таъмин менамояд. Дар машғулияти амалӣ донишҷӯён қоида ва усулҳои истифодабарии амалии донишҳои ба таври назариявӣ аз фанни таълимӣ азхуднамударо омӯхта, маҳорат ва малакаи ҳалли масъалаҳои мушаххасро дар асоси маълумоти илмии гирифтаашон дар худ ташаккул медиҳанд.

Мақсад аз гузаронидани КМРО ташаккул додани қобилияти дарккунӣ, ба таври эҷодӣ ва мустақилона фикр рондани донишҷӯён буда, дар рафти он мустаҳкамкунӣ, васеъгардонӣ ва шарҳи донишҳои ба таври назариявӣ гирифта ба амал меояд, ки бояд ба ташаккул ёфтани салоҳиятҳои касбии донишҷӯён мусоидат кунад.

Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор - дар шакли супоришҳои тестӣ, реферат, маҷмӯи вазифаҳои хонагӣ, эссе, муаррифӣ (презентатсия)-и маводи ҷамъоварда, дифои кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва ғайра иҷро гардида, аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ мешавад.

| Мавзуъ № | Ҳафта | Мундариҷаи машғулиятҳои амалӣ (КМРО) |
|---|---|---|
| | | **Қисми I. Масъалаҳои иқтисод ва ташкили истеҳсолот** |
| Мавзӯи 1. Мафҳумҳои асосии иқтисодиёт. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёт. | I | 1. Омилҳои истеҳсолӣ.<br>2. Неъматҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ. |
| Мавзӯи 2. Корхона дар низоми иқтисоди бозорӣ. Корхонаҳои истеҳсолӣ. | II | 1. Корхонаҳои истеҳсолӣ.<br>2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корхона. |
| Мавзуи 3. Шаклҳои ташкили корхона. Соҳибкорӣ ва шартҳои инкишофи он. | III | 1. Соҳибкорӣ ва шартҳои инкишофи он.<br>2. Шаклҳои ташкили соҳибкорӣ. |
| Мавзуи 4. Таъсисёби ва ба қайдгирии давлатии корхона. Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона. | IV | 1 Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона.<br>2. Тартиби бакайдгирии давлатии корхона. |
| Мавзуи 5. Сохтори истеҳсолии корхона. Ҷараёни истеҳсолӣ дар корхона. | V | 1. Ҷараёни истеҳсоли дар корхона.<br>2. Мафҳуми сохтори умумӣ ва истеҳсолии корхона. |
| Мавзуи 6. Ташкили идоракунӣ дар корхона. Мафҳум, моҳият ва принсипҳои идоракунӣ. | VI | 1. Мафҳум, моҳият ва принсипҳои идоракунӣ.<br>2. Функсияҳои идоракунӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| Мавзуи 7. Ташкили тайёрии техникии истеҳсолот. Таркиби базаи моддӣ-техникии корхона (БМТ). | VII | Системаи тайёрии истеҳсоли маҳсулоти нав. |
| Мавзуи 8. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Мафҳум ва моҳияти ташкили истсҳсолот дар корхона. | VIII | 1. Сикли истеҳсолӣ: мафҳум ва таркиби он.<br>2. Намудҳои пайваетшавии амалиетҳо. |
| Мавзуи 9. Ташкили истеҳсолоти ёрирасон ва хизматрасон дар корхона. Таркиб, тавсиф ва аҳамияти кисмҳои ёрирасон ва хизматраснӣ дар корхона. | IX | Механикунонӣ ва автоматикунонии комплсксии чараёнҳои истехсолӣ. |
| Мавзуи 10. Ташкили истеҳсолоти ёрирасон ва хизматрасон дар корхона. Ташкили хоҷагии асбобу олотҳо. | X | Ташкил ва банақшагирии кори нақлиёти корхона. |
| Мавзуи 11. Иқтидори истеҳсолӣ ва омилҳои муайянкунандаи он. Мафҳуми иқтидори истсҳсолӣ. | XI | 1. Омилхое, ки иктидори истехсолиро муайян мекунад.<br>2.Таҳлили истифодаи иктидори истеҳсолӣ. |
| Мавзуи 12. Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона. Банақшагирии истеҳсол ва фуруши маҳсулот. | XII | 1. Таркиб ва намудҳои банақшагирӣ.<br>2. Нишондиҳандаҳои ҳаҷми истсҳсолот. |
| Мавзуи 13. Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона. Муайян кардани ҳаҷми оқилонаи истеҳсоли маҳсулот. | XIII | Банақшагирии арзиши аслии маҳсулот. |
| Мавзуи 14. Идораи кадрӣ, нақшагирии ҳосилнокии меҳнат ва ташкили музди кор дар корхона. Кадрҳои корхона ва сохтори онҳо. | XIV | 1. Кадрҳои корхона ва сохтори онҳо.<br>2. Идоракунии кадрҳо. |
| Мавзуи 15. Идораи кадрӣ, нақшагирии ҳосилнокии меҳнат ва ташкили музди кор дар корхона. Нақшагирии ҳосилнокии меҳнат дар корхона. | XV | Ташкили музди кор дар корхона. |
| Мавзуи 16. Ташкил ва банақшагирии молияи корхона. Нақши манобеи молиявӣ дар фаъолияти корхона ва сарчашмаҳои ташаккули онҳо. | XVI | 1.Шаклҳои таъмини молиявии корхона.<br>3. Нақшагирии молиявӣ. |
| **Ҷамъ дар қисми I** | | 16 |

**2.5. Шарҳи мухтасари супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД)**

Корҳои мустақилонаи донишҷӯ (КМД) тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии ӯ бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд мебошад. Тамоми навъҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ ҳатмӣ ва назоратшаванда мебошанд. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ омода гардидани донишҷӯро ба машғулиятҳои дарсии ҷорӣ таъмин менамоянд. Натиҷаи иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар фаъолона ширкат варзидан ҳангоми баргузор шудани машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ ва амалӣ, семинарҳо, корҳои лабораторӣ ва супурдани тестҳо ва дигар шаклҳо ифода мегардад. Баҳои дар натиҷаи иҷрои корҳои мустақилона бадастовардаи донишҷӯён барои баҳои ҷамъбастии азхудкунии фанҳои таълимӣ аз ҷониби онҳо асос мегардад. Ҷамъбасти натиҷа ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯ муттасил, давра ба давра дар ҳузури тамоми донишҷӯёни гурӯҳи академӣ амалӣ гардонида мешавад. Натиҷаҳои бадастовардаи донишҷӯ оид ба корҳои мустақилона ҳангоми гузаронидани аттестатсияи ҷамъбастӣ аз рӯи фанни таълимӣ ба эътибор гирифта мешаванд.

Тарзҳои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар асоси барномаҳои таълимии фанни "иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхона" ва нақшаи таълимии ихтисоси мазкур чунин муқаррар карда шудааст:

| Номгӯи мавзуҳои дарсӣ | Супориш | Мухлати супоридан | Ҳаҷм ва тартиби барасмиятдарории корҳо |
|---|---|---|---|
| Мавзӯи 1. Мафҳумҳои асосии иқтисодиёт. Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёт. | Вазифаи хонагӣ – Маълумоти умумӣ дар бораи иқтисодиёт. | Ҳафтаи 1 | Супоридани маърузаи хаттӣ ва ҷавоб додан ба саволҳо (на кам аз 4-5 саҳ.) |
| Мавзӯи 2. Корхона дар низоми иқтисоди бозорӣ. Корхонаҳои истеҳсолӣ. | Вазифаи хонагӣ – Таснифи корхонаҳо. Намудҳои корхонаҳо. | Ҳафтаи 2 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсия |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мавзуи 3. Шаклҳои ташкили корхона. Соҳибкорӣ ва шартҳои инкишофи он. | Вазифаи хонагӣ- Шаклҳои ташкили соҳибкорӣ. | Ҳафтаи 3 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи |
| Мавзуи 4. Таъсисёби ва ба қайдгирии давлатии корхона. Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона. | Вазифаи хонагӣ - Тартиби бакайдгирии давлатии корхона | Ҳафтаи 4 | Супоридан дар шакли хаттӣ. |
| Мавзуи 5. Сохтори истеҳсолии корхона. Ҷараёни истеҳсолӣ дар корхона. | Вазифаи хонагӣ- Омузиши ҷараёнҳо истеҳсолӣ. | Ҳафтаи 5 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ. |
| Мавзуи 6. Ташкили идоракунӣ дар корхона. Мафҳум, моҳият ва принсипҳои идоракунӣ. | Вазифаи хонагӣ- Функсия ва усулҳои идоракунӣ. | Ҳафтаи 6 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Ба таври ҷадвал пешниҳод намудан. |
| Мавзуи 7. Ташкили тайёрии техникии истеҳсолот. Таркиби базаи моддӣ-техникии корхона (БМТ). | Вазифаи хонагӣ- Тайёрии техникии истеҳсолот. | Ҳафтаи 7 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Мавзуи 8. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Мафҳум ва моҳияти ташкили истсҳсолот дар корхона. | Вазифаи хонагӣ- Сикли истехсолӣ: мафҳум ва таркиби он. Намудҳои пайваетшавии амалиётҳо. | Ҳафтаи 8 | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Мавзуи 9. Ташкили истеҳсолоти ёрирасон ва хизматрасон дар корхона. Таркиб, тавсиф ва аҳамияти кисмҳои ёрирасон ва хизматраснӣ дар корхона. | Вазифаи хонагӣ – Системаи таъмири нақшавӣ- пешгирикунанда. Тартиб додани нақшаи корҳои таъмирӣ. | Ҳафтаи 9 | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Мавзуи 10. Ташкили истеҳсолоти ёрирасон ва хизматрасон дар корхона. Ташкили хоҷагии асбобу олотҳо. | Вазифаи хонагӣ- Ташкил ва банақшагирии кори нақлиёти корхона. Ташкил ва банақшагирии хоҷагии энергетики. | Ҳафтаи 10 | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Мавзуи 11. Иқтидори истеҳсолӣ ва омилҳои муайянкунандаи он. Мафҳуми иқтидори истсҳсолӣ. | Вазифаи хонагӣ- Омилҳое, ки иқтидори истеҳсолиро муайян мекунад. Роҳҳои истифодабарии бехтари иктидори истсхсолӣ. | Ҳафтаи 11 | Супоридан дар шакли хаттӣ. |
| Мавзуи 12. Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона. Банақшагирии истеҳсол ва фуруши маҳсулот. | Вазифаи хонагӣ- Муайян кардани ҳаҷми оқилонаи истеҳсоли маҳсулот. Банақшагирии истеҳсолоти нотамом. | Ҳафтаи 12 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Мавзуи 13. Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхона. Муайян кардани ҳаҷми оқилонаи истеҳсоли маҳсулот. | Вазифаи хонагӣ- Ҳосилнокии меҳнат ва захирахои баландбардории он дар корхона | Ҳафтаи 13 | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Мавзуи 14. Идораи кадрӣ, нақшагирии ҳосилнокии меҳнат ва ташкили музди кор дар корхона. Кадрҳои корхона ва сохтори онҳо. | Вазифаи хонагӣ- Нақшагирии ҳосилнокии меҳнат дар корхона. | Ҳафтаи 14 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Мавзуи 15. Идораи кадрӣ, нақшагирии ҳосилнокии меҳнат ва ташкили музди кор дар корхона. Нақшагирии ҳосилнокии меҳнат дар корхона. | Вазифаи хонагӣ- Шаклҳои таъмини молиявии корхона. Нақшагирии молиявӣ. | Ҳафтаи 15 | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Мавзуи 16. Ташкил ва банақшагирии молияи корхона. Нақши манобеи молиявӣ дар фаъолияти корхона ва сарчашмаҳои ташаккули онҳо. | Вазифаи хонагӣ – Ташкили меҳнат дар корхона. | Ҳафтаи 16 | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |

## ФАСЛИ III: СИЁСАТ ВА РАВАНДИ БАҲОГУЗОРӢ

Баҳо мувофиқи Низомномаи амалкунанда оид ба низоми кредитии таълим гузошта мешавад. Ҳар ҳафта назорати ҷорӣ аз болои иштироки донишҷӯён дар дарсҳои лексионӣ ва амалӣ, фаъолнокӣ дар КМРО, иҷрои вазифаҳои хаттии хонагӣ ва супоришҳо барои КМД барпо мегардад. Дар охири семестр имтиҳони ҷамъбастӣ дар шаклҳои гуногун (тестӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ва ғ. гузаронида мешавад.

Шумо дар охири нимсола баҳои ҷамъбастии умумиро соҳиб мегардед, ки он нишондиҳандаи натиҷаҳои кӯшишҳоятон дар муддати нимсола мебошад. Баҳои ҷамъбастӣ дар асоси ҷадвали баҳогузорӣ, ки аз ҷониби Шурои олимони донишгоҳ муайян шудааст, гузошта мешавад.

Фаъолияти академии донишҷӯ дар ҳар як давр (ҳар ҳафта: 2,5 + 6 + 4 = 12,5 хол).

Аз ҷумла: 4 хол – барои фаъолнокӣ дар машғулиятҳо лексионӣ;

6 хол – барои корҳои иҷрошуда доир ба КМРО (семинар, амалӣ ва ғ.);

2,5 хол – барои иҷрои кори мустақилона (КМД).

Муайян намудани рейтинги донишҷӯ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ низ дар асоси талаботи низоми холдиҳӣ-рейтингии ECTS ба амал оварда мешавад.

Аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳон доир ба фанни таълимӣ дар шакли тестӣ ё шифоҳӣ қабул ва гузаронида мешавад. Ҳаҷми саволномаи тестӣ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳонӣ фанни таълимӣ ба 25 савол баробар аст. Барои фанҳои таълимии равияҳои илмҳои дақиқ аз ин камтар иҷозат дода мешавад.

Ба ҳар як ҷавоби дуруст – 4 хол муқаррар карда шудааст. Агар тест аз 25 савол камтар бошад, холи муқарраргашта бояд ба 100 баробар карда шавад.

Холҳои дар рафти қабули аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ бадастовардаи донишҷӯ ҳамчун ҷамъи холҳои санҷиши тестӣ дониста шудааст. Холҳои рейтингии дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ бадастовардаи донишҷӯ ба холҳои дар давоми семестр азхудкардаи ӯ илова карда мешаванд.

Баҳое, ки доир ба фан гузошта мешавад, ҷамъи холҳои дар давоми ҳафтаҳо бадастовардашуда ва натиҷаи имтиҳоноти ҷамъбастӣ мебошад. Холҳо ба таври зер тақсим карда мешаванд:

| № | НАМУДИ НАЗОРАТ | ҲАФТАҲО ВА МИҚДОРИ ҲАДДИ АҚҚАЛИ ХОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | | | ИҶ | ∑ холҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | | |
| 1 | Барои фаъолнокӣ дар машғулиятҳо лексионӣ | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | **64** |
| 2 | Барои корҳои иҷро-шуда доир ба КМРО (семинар, амалӣ ва ғ.) | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | **96** |
| 3 | Барои корҳои иҷро-шуда доир ба КМД | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | | **40** |
| 4 | **Дар ҳафта** | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | | **200** |
| 5 | **Ҳамагӣ дар маҷмӯъ** | | | | | | | | | | | | | | | | | **100** | **300** |

Баҳои ҷамъбастӣ доир ба фан тибқи формулаи зер ҳисоб карда мешавад:

$$Ич = \left[ \frac{(ИФ_1 + ИФ_2)}{2} \right] \cdot 0{,}5 + Ич \cdot 0{,}5$$

**Ифодаи ҳуруфӣ ва ададии баҳои донишҷӯ**

| Ифодаи ҳуруфии баҳо | Ифодаи ададии баҳо | Холи ҷавобҳои дуруст | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|
| ***A*** | *4,0* | $95 \le A \le 100$ | Аъло |
| ***A -*** | *3,67* | $90 \le A < 95$ | |
| ***B +*** | *3,33* | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| ***B*** | *3,0* | $80 \le B < 85$ | |
| ***B -*** | *2,67* | $75 \le B- < 80$ | |
| ***C +*** | *2,33* | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш |
| ***C*** | *2,0* | $65 \le C < 70$ | |
| ***C -*** | *1,67* | $60 \le C- < 65$ | |
| ***D +*** | *1,33* | $55 \le D+ < 60$ | |
| ***D*** | *1,0* | $50 \le D < 55$ | |
| ***Fx*** | *0* | $45 \le F_X < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| ***F*** | *0* | $0 \le F < 45$ | |

*Эзоҳ:* $Fx$ *- баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯ ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр (сессияи иловагӣ) бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.*

**Сару либоси тавсиявӣ ва иштироки донишҷӯён** дар тамоми машғулиятҳои дарсӣ (лексионӣ, семинарӣ, лабараторӣ ва ғ.) ҳатмӣ мебошад. Ба дарсҳо омадан худ аз худ зиёдшавии холҳоро намефаҳмонад, яъне иштироки фаъоли донишҷӯ ба дарсҳо зарур аст. Ҳангоми роҳ додан ба дарсшиканӣ ва ё сари вақт иҷро накардани супоришҳои аз ҷониби омӯзгор муқарраршуда донишҷӯ тавассути холҳои муайян ҷарима карда мешавад.

**Фаъолнокӣ** дар дарсҳои аудиторӣ ва КМРО ҳатмӣ буда, яке аз ташкилдиҳандагони холи ҷамъбастии донишҷӯ мебошад. Талаботи ҳатмии фан тайёрӣ ба ҳар як дарс мебошад. Зеро натиҷаи аз рӯи машғулиятҳои аудитории амалӣ бадастовардаи донишҷӯ, холҳои дар давоми баргузор гардидани машғулиятҳои дарсии ҷорӣ бадастовардаи ӯро ташкил медиҳанд. Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фанни таълимӣ дар машғулиятҳои аудиторӣ, иштирок ва фаъолнокӣ – 64 хол, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (семинарӣ, амалӣ ва ғ.) – 96 хол ва барои КМД 40 холи имконпазирро дар ҳар як давраи академӣ ба даст орад.

**Вазифаи хаттии хонагӣ** иҷрои корҳои мустақилона ва навиштани кори мустақилона (иншо) вобаста ба мавзӯи додашуда мебошад. Иҷрои рефератҳо барои тамоми донишҷӯён ҳатмист. Меъёрҳои баҳогузории кори хаттӣ: пуррагии мундариҷа, андоза, мантиқи баён, доштани таҳлили ва хулосаҳо, саривақт супоридан.

**Назорати марҳилавӣ** ҳамаи мавзуҳои лексионӣ, вазифаҳои хонагӣ ва маводҳо барои хондан, ки дар муддати он баррасӣ гардидааст, дарбар мегирад ва дар шакли тестҳо ва баҳсу мунозираҳо вобаста ба мавзуҳои омӯхташуда амалӣ гардонида мешавад.

**Имтиҳони фосилавӣ** – шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаи фанни таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ дар марказҳои тестии донишгоҳ ба таври тестӣ гузаронида мешавад.

**Имтиҳони ҷамъбастӣ (финалӣ)** дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ баргузор мегардад ва шаклҳои гуногуни супоришҳоро дарбар мегирад: саволҳои кушода, ҳалли мисолу масъалаҳо. Меъёри гузоштани баҳои имтиҳонӣ: пуррагӣ ва дурустии ҷавобҳо, мантиқ ва тарзи баён.

## ФАСЛИ IV: ТАЪМИНОТИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДИИ ФАН

### 4.1. Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда

#### 4.1.1. Адабиёти асосӣ

А1. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона. Душанбе,ҶДММ “Бебок”. 2012 с.

А2. Ҳабибов С., Ҷамшедов М. Х. – 45 Иқтисоди корхона (ташкилот) – ҳои истеҳсолӣ: Китоби дарсӣ. Қисми 1. Зери таҳрири д.и.и., профессорон Ҳабибов С.Х – ва Шарипов М.М.-Душанбе: «Ирфон», 2014. – 352 саҳ.

А3. С. Н. Комилов, У. Давлатзод. Иқтисоди корхона. Душанбе – Собириён, 2012.448 с.

А4. Сафронов Н.А., «Экономика предприятия».Москва.Юрист, 2001 с.

А5. Алексеева М.М., «Планирование деятельности фирм». ИНФРА-М.: Финансы и статистика. 1977 г.

#### Адабиётҳои иловагӣ:

И1. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 170; с. 2008, №10, мод. 812; с. 2009, № 5, мод. 318, №7-8, мод. 496; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; с. 2016, №11, мод. 890). ш. Душанбе, 5 марта соли 2007 №237.

И2. Экономика предприятия: Учебник для вузов /Под ред. Э40 проф. В.Я. Горфинкеля, проф. В.А. Швандара. — 4-е изд., перераб, и доп. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. - 670 с. - (Серия «Золотой фонд российских учебников»).